# Меъёри бозтамвил 0,25 банди фоизӣ паст карда шуд.

Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон №38, аз 31 июли соли 2024 ҷиҳати 0,25 банди фоизӣ паст кардани меъёри бозтамвил ва дар сатҳи 9,0 фоизи солона муқаррар намудани он қарор қабул гардид. Қарори мазкур дар асоси муътадил гардидани сатҳи нархҳои дохилию ҷаҳонии молу маҳсулот, дурнамои мусбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, муътадил будани интизориҳои таваррумии аҳолӣ ва аз доираи ҳудуди поёнии ҳадафи муқарраргардида паст қарор доштани сатҳи таваррум қабул карда шуд.